**Ба шӯрои диссертатсионии 6О.КОА-014**
**дар назди Донишгоҳи давлатии**
**молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**734067, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/1,**

# Тақризи роҳбари илмӣ

**ба диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзӯи "Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Боиси зикр аст, ки то имруз дар адабиётҳои илмӣ мафҳумҳои «эҳсонкорӣ», «фаъолияти эҳсонкорӣ», «хайрия», «фаъолияти хайриявӣ» ва ғайраҳо., ҳамчун категорияи иқтисодӣ омӯхта нашудаанд.

Генезиси он собит менамояд, ки эҳсонкорӣ аз шаклҳои содда оғоз намуда то низоми муташаккили ҳифзи иҷтимоӣ зимни шарикии давлат ва бахши хусусӣ рушд кардааст.

Оё мо гуфта метавонем, ки эҳсонкор бо бунёди инфрасохтори иҷтимоӣ (муассисаҳои то мактабӣ, мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ, варзишгоҳҳо ва марказҳои фарҳангӣ) бо фаъолияти иқтисодӣ машғул аст, гарчанде ғарази гирифтани фоида ё ба даст овардани неъмати моддиро надорад?

У. Петти қайд менамояд, ки баъзан зарар аз нигоҳи норозиёнаи шоҳ ба шахси аз хайрия саркашӣ карда, ба мисли мусодираи моликияти он шахс хатар дорад.

А. Смит мешуморид, ки хайрия на асоси биноии ҷамъиятӣ, балки зебоӣ ва ороиши он аст: шумо метавонед маслиҳат диҳед, аммо маҷбур накунед.

Ҷ.С. Милл ба масъалаҳои таносуби кӯмаки иҷтимоӣ аз ҷониби давлат ва эҳсонкории бахши хусусӣ диққати махсус зоҳир намуда, қайд мекунад, ки кӯмаки давлатӣ ба хотири қонеъ намудани манфиатҳои худи давлат ё гурӯҳи сари қудрат буда, равона шудааст.

Т. Веблен зикр менамояд, ки рафтори эҳсонкорӣ аз ҳиссиётҳои (инстинктҳо) зерини инсон, ки аз насл ба насл тавассути фарҳанг, маданият, урфу одат мерос мемонад, вобастагӣ дорад:

1. маҳорати идора ва истифодаи захираҳои мавҷуда баҳри қонеъ

намудани ҳадафҳои зиндагӣ;

2. ҳиссиёти волидайнӣ, ки дар ғамхорӣ нисбат ба ҷамъият зоҳир мегардад;

3. ҳиссиёти кунҷковӣ баҳри пайдо кардани маълумоти нав;

4. ҳиссиёти азхудкунӣ;

5. ҳиссиёти рақобат, хашм, такаббур ва урфу одат.

Зимни ҳиссиётҳои дар боло зикр шуда, рафтори эҳсонкории субъектони хоҷагидорӣ сарчашма мегирад, ки онро дар адабиётҳои илмӣ ҳамчун «эффекти Веблен» зикр мекунанд.

Аз ин лиҳоз, ҳарчанд фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун беғараз ва беподош ба назар расад ҳам, дар асл бошад, барои қонеъ намудани талаботҳои ратсионалӣ ва ирратсионалии эҳсонкор равона шудааст.

Докторант (PhD) Мирбобоева М.И. ба мураккабии масъала ва муаммоҳои мавҷуда нигоҳ накарда, барои иҷрои тадқиқоти мазкур бисёр корҳоро анҷом доданд.

Яке аз масъалаҳои муҳими он аз он иборат буд, ки калимаҳо, ибораҳо ва мафҳумҳои дар сарчашмаҳо ва адабиётҳо зикр шуда, асосан решаи арабӣ дошта, ба фарҳанг ва маданияти халқи тоҷик характери таҳмилӣ доранд. Докторант (PhD) Мирбобоева М.И. дар чараёни тадқиқот муайян намуданд, ки мафҳуми "дилсӯзӣ" решаи миллӣ дошта ба фарҳанг ва маданияти халқи тоҷик наздик ва хос аст.

Докторант (PhD) Мирбобоева М.И. барои ба даст овардани маълумотҳои дақиқ, расмӣ ва оморӣ оиди фаъолияти эҳсонкории бахши хусусӣ, ки бештари он маҳфуз ва пинҳонӣ анҷом дода мешуданд бисёр талош ва сайъю кӯшиш намуданд.

Боиси зикр аст, ки факту рақамҳои ба даст оварда шуда, ба Докторант (PhD) Мирбобоева М.И. имконият фароҳам овард, ки таҳлили возеҳи эмпирикӣ гузаронида, иртиботи сабабӣ-оқибатии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва фаъолияти эҳсонкории бахши хусусиро муайян намояд.

Қобили қайд аст, ки кори илмӣ-тадқиқотии Докторант (PhD) Мирбобоева М.И. ва пажӯҳиши ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти эҳсонкорӣ дар соҳаҳои иҷтимоии кишварамон нахустин мебошад.

Шояд мавҷудияти баъзе нуқсонҳо ва норасогиҳо дар рисолаи докторант (PhD) Мирбобоева М.И. ба чашм расанд ҳам, аммо машъали афрӯхтаи ӯ дар омӯзиши масъалаҳои мазкур барои докторант (PhD)они пас илҳоми илмӣ ва парвози эҷодӣ бахшида, шӯълаҳои он қуллаҳои ноаёни муаммоҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ доир ба фаъолияти эҳсонкорӣ, хизматрасониҳои хайриявӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ баҳри рушди устувори кишвари азизамон мунаввар гардонад.

Тадкикот аз он шаҳодат медиҳад, ки докторант (PhD) Мирбобоева М.И. аз ҷиҳати ҳалли масъалаҳо ва муаммоҳо доир ба ҷанбаҳои иктисодии фаъолияти эҳсонкорӣ дар бозори хизматрасониҳои соҳаҳои иҷтимоӣ дар радифи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба камолоти илмӣ расида, дар ҳаллу фасли он тавоно шудааст.

Диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дорои навъоварӣ, аҳамияти амалӣ, маҷмӯи таҳлил буда, ҳамчун таҳкикоти ба анҷом расида маҳсуб ёфта, ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

Роҳбари илмӣ,
н.и.и., дотсент Мамадов С.В.

Имзои дотсенти кафедраи молия ва андоз н.и.и., Мамадов С.В.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Ҳусейнова З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

12.10.2024с.